Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجيك

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

27 феврали соли 2002. Чоршанбе № 15 (12758)
Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 18.20 имзо гардид.

## Пазирой дар қароргоҳи Оқсарой

Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов 25 феврал дар қароргоҳи Оқсарой президент ва директори иҷрогари ширкати «Кейс Нью Холланд» Паоло Монферино, ҳамчунин раиси шӯрои директорони ширкати мазкур Ҷан Пер Рассоро пазируфт.

«Кейс Нью Холланд» соли 1999 дар натиҷаи муттаҳид гардидани «Кейс корпорейшн» ва ширкати «Нью Холланд» созмон ёфтааст, ки ба гурӯҳи «Фиат» мансуб буданд. Ҳоли ҳозир он яке аз ширкатҳои номдор дар ҷаҳон оиди истеҳсоли техникаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Ҷоиз аст кайд намоем, ки ширкат равобитро бо Ӯзбекистон пайваста мустаҳкам мекунад. Алҳол дар мамлакати мо шумораи комбайнҳои тамғаи «Кейс» оид ба ҷамъоварии ғаллаву шолӣ, тракторҳои заминрон ва мошинҳои пахтачин аз 4,5 ҳазор воҳид афзудааст.

Дар доираи ҳамкорӣ барномаи созмон додани истеҳсолот оиди маҳаллӣ гардондани қисму узвҳои комплектшавандаи мошинҳои пахтачин ва тракторҳои универсалии заминрони ширкати «Кейс» таҳия гардидааст. Ҳамчунин ба мақсади расондани хизмат ва таъмин будани бо воситаҳои техникӣ, расондани қисмҳои эҳтиётӣ корхонаи муштараки «УзКейссервис» созмон дода шудааст. Алҳол дар ҳамаи вилоятҳои мамлакатамон марказҳои хизматрасонӣ ташкил ёфтаанд.

Бо ширкат ҳамкории босамар ба роҳ монда шудааст. Маълум аст, ки технологияи замонавӣ барои рушди мамлакатамон то чӣ андоза зарур мебошад. Ва аз ин бармеояд, ки вусъат додани миқёси ҳамкорӣ бо «Кейс Нью Холланд» аҳамияти муҳимро касб мекунад.

Дар рафти сӯҳбат дар қароргоҳи Оқсарой оиди масъалаҳои вазъи қонунӣ ва пешомадҳои муносибатҳои шарикӣ мубодилаи афкор ба амал омад.

**(ӮзА).**

Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

### Дар бораи Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар Ҷумҳурияти Туркия таъин намудани Р. Ё. Исоев

**ИСОЕВ Рустам Ёқубович** Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар Ҷумҳурияти Туркия таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон И. КАРИМОВ.**

шаҳри Тошканд,
25 феврали соли 2002.



## Ҳосил фаровон — даромад калон

Хоҷагии фермерии «Торнаут» дар ноҳияи Рометани вилояти Бухоро фаъолият пеш бурда, хоҷагии серсоҳа мебошад. 8 гектар гармхонаи он фоидаи калон мебахшад. Алҳол ба фасли зимистон нигоҳ накарда, дар ин ҷо помидору бодиринг ба истеъмолгарон муттассил фиристода мешавад.

Аз он ҷумла то ҳол 40 тонна помидор на танҳо ба аҳли Рометан, балки истеъмолгарони шаҳрҳои Бухоро, Навоӣ, Қаршӣ фиристода шуд. Ба ҷамъоварии ҳосили бодиринг ҳам шурӯъ карданд. Тухми бодиринги аз Ҳӯланд оварда ба шароити Рометан мос гардонда шуд ва ҳосили фаровон медиҳад. Аҳли меҳнати гармхона ба дастархони наврӯзӣ 35 тонна бодирингро бароварданианд.

Дар гармхонаи хоҷагии фермерии «Торнаут» 166 нафар меҳнат мекунад. Онҳо корҳои шинондани кӯчати помидору парвариши бодиринг, дар вақташ ҷамъ овардани ҳосилро аълодараҷа ба ҷо меоваранд.

Кор дар гармхона хуб ташкил гардидаасту даромад пайваста зиёд мегардад. Мувофиқи даромад хароҷот амалӣ гардонда мешавад. Аз ҳамин сабаб коркунони гармхона нисбати аҳли меҳнати хоҷагиҳои ҳамсоя 3-4 баробар зиёд музд мегиранд. Дар ин ҷо дар рӯзҳои ид додани мукофотпулии зиёд, ҳангоми гузарондани тӯю дигар маъракаҳо расондани кӯмаки моддӣ ба ҳукми анъана даромадааст.

**Дар сурат:** Коргузор (дар мобайн) **Холмурод ҶУМЪАЕВ** бо як гурӯҳ коркунон.

**Матн ва сурати Собир ЗУФАРОВ. (ӮзА).**

## Ба манфиати одамон ғамхорӣ карда, ҳаёт ба сар бурдан — вазифаи ҳар як роҳбар

### Иҷлосияи Кенгаши вилояти Сурхондарё

Дар Тирмиз 21 феврал иҷлосияи ғайринавбатии Кенгаши вакилони халқи вилояти Сурхондарё ба амал омад.

Дар он Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов суханронӣ кард.

Вилояти Сурхондарё дар мамлакатамон соҳиби нерӯи бузург аст, гуфт сарвари давлатамон. Вай бо замини серҳосил, шароити мусоиди иқлим фарқ мекунад, ки имконияти дар давоми сол бардоштани се ҳосилро фароҳам овардааст, аз ҳама асосиаш, дар ин ҷо одамони меҳнаткарин ҳаёт ба сар мебаранд. Соли гузашта дар вилоят ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти умумӣ ба 8 фоиз вусъат ёфт. 320 ҳазор тонна ғалладона тайёр гардида, бо ҳамин фармоиши давлатӣ дар ин соҳа барзиёд иҷро гардид, дар дигар соҳаҳо низ комёбиҳои муайян ба даст омадаанд.

Вале дар вилоят дар бобати иҷрои корҳо оид ба оқилона истифода бурдани замин, ба вуҷуд овардани синфи амволдорон ба қафомонӣ роҳ гузошта шудааст. Бисёр ширкатҳо ба хотири расмиятчигӣ созмон дода шудаанд. Бисёр муаммоҳо дар ҳаракати фермерӣ ҷой доранд. Махсусан вазъият дар соҳаи сохтмон ташвишовар аст. Муносибати бефарқона нисбати созмон додани корхонаҳои муштарак, хурду миёна боиси ташвишу изтироб гардидааст.

Дар иҷлосия диққату эътибори асосӣ ба масъалаи роҳбаре нигаронда шуд, ки дорои қобилияти ташкилотчигӣ мебошаду дар бораи одамон ғамхорӣ мекунад ва онҳоро аз паси худ бурда метавонад. Ҳар як роҳбар новобаста аз вазифаи ишғолкардааш дар навбати аввал бояд ватанпарвари кишвари худ, халқи худ бошад. Вай бояд аз он фахру ғурур кунад, ки ба ин кишвар, ба ин халқ хизмат мекунад, бо халқ, бо оқсақолони вай маслиҳат карда, корро пеш мебарад. Бо хушу хурсандӣ ва ташвиши одамон ҳаёт ба сар бурдан сифати асосии роҳбарро ташкил медиҳад.

Дар иҷлосия масъалаи ташкилӣ баррасӣ гардид. Бахтиёр Олимҷонов аз вазифаи ҳокими вилоят ба муносибати ба дигар кор гузаштанаш озод карда шуд.

Мувофиқи тавсияи Президент Ислом Каримов Тошмирзо Қодиров ҳокими вилоят тасдиқ гардид, ки пештар дар вазифаи ҳокими ноҳияи Сариосиё кор мекард.

Дар иҷлосия паёмнигор Абдурасул Ҷумъақулов, сарвари хоҷагии фермерии «Лочин»-и ноҳияи Деҳнав Аҳмад Нарзуллоев, ҳокими ноҳияи Деҳнав Абдулҳаким Эшмуродов, ҳокими ноҳияи Қизириқ Мамаюсуф Холбоев ва дигарон суханронӣ карда, зикр намуданд, ки иҷрои вазифаҳои пешгузоштаи Президент қарзи роҳбарони тамоми зинаҳо мебошад.

Худи ҳамон рӯз сарвари мамлакатамон ба назди сарҳадбонон рафт, ки сарҳадҳои ҷанубии давлатамонро ҳимоя мекунанд ва бо шароити ҳаёту хизмати онҳо ошно гардид.

**(ӮзА).**

Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

### Дар бораи ҳокими вилояти Сурхондарё таъин намудани Т.Ӯ.Қодиров

Мувофиқи банди 12 моддаи 93 ва моддаи 102 Конститутсияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон:

**ҚОДИРОВ Тошмирзо Ӯроқович** ҳокими вилояти Сурхондарё таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон И. КАРИМОВ.**

шаҳри Тошканд,
21 феврали соли 2002.

Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

### Дар бораи аз вазифаи ҳокими вилояти Сурхондарё озод кардани Б.М.Олимҷонов

**ОЛИМҶОНОВ Бахтиёр Мамаҷонович** аз вазифаи ҳокими вилояти Сурхондарё ба муносибати ба дигар кор гузаштанаш озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон И.КАРИМОВ.**

шаҳри Тошканд,
21 феврали соли 2002.

## Суханронии Президент Ислом Каримов дар иҷлосияи ғайринавбатии Кенгаши вакилони халқи вилояти Сурхондарё

Ассалому алайкум, мӯҳтарам вакилони халқ! Сурхондарёиёни азиз!

Бо шумоён, вакилони халқ ва фаъолони вилоят дар сарзамини муқаддаси Сурхондарё, ки дар таърих ва фарҳанги Ватанамон ҷои муҳимро ишғол менамояд, вохӯрдан ба ман қаноатмандии бузург мебахшад ва ба ҳамин муносибат ҳурмату эҳтироми бузурги худро ба шумоён ва дар шахсияти шумоён — ба тамоми меҳнаткашони вилояти Сурхондарё баён карданӣ ҳастам.

Ҳамватанони азиз!

Мо бо шумоён дар ин сарзамин, дар ин шаҳри қадимаи Тирмиз бисёр вохӯрдаем. Ба пиндорам, ҳар як инсоне, ки дар ин сарзамини назаркардаи Оллоҳ меҳмон мегардад, ба саҳроҳо, даштҳои нопайдоканори воҳаи Сурхон назар афканда, дар қалби худ ҳисси некхоҳӣ, самимият ва меҳрро пай мебарад.

Ман ба ин вилоят, вақте ки дар вазифаҳои мухталиф дар Вазорати молия, Госплан кор кардам, ҳангоми фаъолият пеш бурдан дар вилояти Қашқадарё бисёр омадаам, меҳмоннавозӣ ва саховатқалбии одамонеро ҳис кардаам, ки дар ин сарзамин ҳаёт ба сар мебаранд.

Он рӯзҳоро, вақте ки ба зиммаи мамлакати мо озмоишҳо, душвориҳои мухталиф омаданд, махсусан, вақте ки дар сарҳадҳои ҷанубии Ватанамон вазъи мураккаб ба амал омад, ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам ва ҳамон вақт дар Сурхондарё шуда, бо шумоён вохӯрдам, мо якҷоя тадбирҳоро оиди ҳифзи таъмини амнияти кишварамон андешидем.

Агар бигӯям, ки ман ба ин вилоят аз соҳилҳои Амударё то кӯҳҳои Бойсун, аз Тирмиз то Деҳнав, аз қаторкӯҳҳои Ҳисор то пастхамиҳои Боботоғ қадам партофтаам, ягон муболиға намегардид.

Бо одамони кишвари мазкур, ки дар ҳамин ҷо тавлид ёфта, ба камол расидаанд, бисёр озмоишҳоро дар ҳаёти хеш аз сар гузарондаанд, ба одамони бовиқору ононе, ки сарзамини худро аз ҳад зиёд дӯст медоранд, ошно гардидаам ва бо онҳо бисёр сӯҳбатҳо оростаам. Ҳини сӯҳбатҳо бо ин одамон бисёр сабақҳои ҳаётиро гирифтам, аз онҳо хулосаи даркорӣ бардоштам.

Боз як чизро аз таҳти дил ва кушоду равшан баён карданӣ ҳастам: ҳар боре, ки ман бо шумоён ва ҳамватанони боқимонда вомехӯрам, мехоҳам ба ҳар кадоми шумоён аз таҳти дил, самимона сӯҳбат ороям. Мутаассифона, бисёр вазифаҳое, ки ба зиммаи ман гузошта шудаанд, нарасидани вақт на ҳамеша барои амалӣ гардидани ин хоҳиш мусоидат мекунад.

Вале барои чунин мулоқотҳо вақт ҷудо кардан ва бохабар шудан, азизонам, аз кайфияти шумоён, кушоду равшан мубодилаи афкор намудан, ба сиёҳу сафед баҳои адолатнок додан, арзёбии ҳам комёбиҳо ва ҳам камбудиҳо, барои ман ниҳоят зарур ва муҳим мебошад.

Агар вазъи кунунии вилояти Сурхондарё таҳлил карда шавад, пеш аз ҳама гузаронда шудани корҳои муайяни мусбиро дар вилоят, равандҳои навсозиро, ки дар қалби одамон дилпурӣ мебахшад, беҳтар гаштани кайфият, таҳким ёфтани эътимоди онҳоро ба рӯзи оянда, дигаргунсозиҳо, ки дар онҳо ҳисси дахлдориро ба доираи воқеаҳои рухдода ба вуҷуд овардааст, қайд кардан лозим меояд.

Дар ин бора ҳамин далел гувоҳӣ медиҳад, ки соли гузашта нисбати парерсол суръати пешрафти истеҳсоли маҳсулоти умумии дохила ба 8 фоиз афзуд. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, кишоварзӣ, молҳои истеъмоли халқ вусъат ёфта, ворид гаштани сармоя ба иқтисодиёт бештар мегардад.

Амалӣ гардондани корҳо оиди мувофиқи талаби айём таҷдид намудани шаҳри қадимаи Тирмиз — маркази вилоят боиси диққату эътибор аст. Аз он ҷумла, ба муносибати 2500 - солагии шаҳр, мувофиқи қарори ҳукумат корҳои доманадори бунёдкориҳо ва ободгардонии он давом доранд.

Бинои нави маркази биржавӣ, вокзали роҳи оҳан, осорхонаи ҳафриётӣ, обектҳои таъиноти варзишӣ, фавввораҳои нав, боғу хиёбонҳо, иншоотҳои бузурги он, пурра таҷдид ёфтани ёдгориҳои таърихӣ, аз қабили маҷмӯи Ҳакими Тирмизӣ, мақбараҳои Султон Саодат, Кокилдорота, Қирққиз моҳиятан симои шаҳрро ба куллӣ тағйир доданд.

Дар соҳаи кишоварзии вилоят ҳам нишондиҳандаҳои муайяни мусбӣ ба даст омадаанд. Аз он ҷумла, соли 2001 қариб 320 ҳазор тонна ғалла тайёр карда шуд, ки аз он 232 ҳазор тоннааш ба давлат фурӯхта шуд.

Ва он нисбати парерсол 53 ҳазор тонна зиёд мебошад. Нақшаҳои шартномавӣ дар ин бобат барзиёд иҷро гардиданд. 12 ҳазор тонна ғалла ба пудратчиёни оилавӣ тақсим гардиданд. Ва албатта, он моро хурсанд мекунад.

Вале баробари он мо дар ин ҷо аз хусуси муаммоҳои имрӯзҳо мавҷуда, дар хусуси қафомонӣ дар соҳаи иҷтимоиву иқтисодӣ, дар бораи камбудиҳое, ки дар ин роҳ монеъа мебошанд, ҳарф мезанем. Мо бояд сабабҳои сар задани онҳоро амиқан таҳлил намоем, якҷоя роҳҳои халос шудан аз ин вазъиятро дарёбем.

**(Давомаш дар саҳифаи 2.)**

## Ба Аъло ҳазрат, ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим

Ассалому алайкум ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу!

Мӯҳтарам Аълоҳазрат ҷаноби Президент!

Аз номи ҳоҷиёне, ки аз диёри Ӯзбекистон ба сафари Ҳаҷи муқаддас омадаанд. Шумо ва тамоми ҳамватанонамонро ба айёми бузург-Иди Қурбон аз самими дил муборакбод менамоем.

Ҳоҷиёнамон дар Маккаи мукаррама Каъбаи муаззамаро тавоф намуда, Мадинаи мунавварaро зиёрат карда, дар Мино, Арафот ва Муздалифа арконҳои Ҳаҷро ба пуррагӣ иҷро карда истода, аз Парвардигор илтимос намуданд ва дуо карданд, киояндаи мамлакатамонро дурахшон гардонад, халқамон ҳаёти орому осоишро ба сар барад, ҳаёташон фаровон гардаду пойдевори истиқлолиятамон мустаҳкам бошад.

Аз ҷониби ҳукуматамон муҳайё кардани имтиёзро ба шаҳрвандоне, ки ба сафари Ҳаҷ мераванд, намунаи ғамхоронаи падаронаи Шумо нисбати арзишҳои миллӣ ва динамон мешуморем. Ҳоҷиёнамон онро қалбан ҳис намуда, ба Оллоҳу таъоло шукрона мегӯянд.

Аз номи тамоми ҳоҷиёне, ки дар замини муқаддаси олами ислом истодаанд. Шумо, Президенти азиз ва халқамонро ба айёми муборак бори дигар муборакбод намуда, миннатдории самимӣ ва дархостҳои беҳтаринамонро изҳор мекунем.

Аз номи ҳоҷиёни Ватанамон

**Абдурашид қорӣ БАҲРОМОВ,**
**раиси Идораи мусалмонони Ӯзбекистон, муфтӣ,**
**шаҳри Макка.**

## Муборакбодиҳои самимона

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом КАРИМОВ,**
**Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон**

Ба муносибати ворид гардидани иди Қурбон ба Шумо, Аълоҳазрат, ирсол кардани муборакбодии самимона мамнун ҳастам.

Аз фурсат истифода бурда, аз Оллоҳи Қодир ба Шумо сиҳҳат-саломатӣ ва бахту саодат, ба халқи дӯсти Ӯзбекистон фаровонии доимӣ ва равнақ ато карданашро мепурсам.

Бо камоли эҳтиром,

**Муҳаммад Ҳуснӣ МУБОРАК,**
**Президенти Ҷумҳурияти Мисри Араб.**

❋❋❋❋❋❋

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом КАРИМОВ,**
**Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон**

Шуморо бо иди Қурбон самимона муборакбод менамоям. Аз фурсат истифода бурда, аз номи халқи турк ва номи худам ба Шумо, Аълоҳазрат, саломатӣ, бахту саодат, ба халқи дӯсту бародари ӯзбек сулҳу осоиш ва фаровониро таманно дорам.

**Ахмет Неҷет СЕЗЕР,**
**Президенти Ҷумҳурияти Туркия.**

❋❋❋❋❋❋

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом КАРИМОВ,**
**Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон**

Ба муносибати иди Қурбони муборак аз номи Ҳукумати Индонезия ва халқи он ирсол кардани муборакбодӣ бахтиёр ҳастам. Оллоҳи Қодир мудом мададкор бошад ва ба тамоми уммати ислом бародариву якдилиро ато намояд.

Аълоҳазрат, ба Шумо сиҳҳатии мустаҳкам ва комёбӣ талабида, бо камоли эҳтиром.

**Мегаватӣ СУКАРНОПУТРӢ,**
**Президенти Ҷумҳурияти Индонезия.**

❋❋❋❋❋❋

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом КАРИМОВ,**
**Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон**

Ба муносибати иди Қурбони муборак аз номи ҳукумати Шоҳигарии Ҳошимиёни Ӯрдун, халқи он ва шахсан аз номи худ муборакбодии самимонаро ирсол мекунам.

Ба Шумо саломатии мустаҳкам, бахту саодат, ба халқи бародари Ӯзбекистон равнақи доимӣ ва фаровониро таманно дорам.

**АБДУЛЛОҲИ Дуюм**
**Шоҳи Ӯрдун.**

❋❋❋❋❋❋

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом КАРИМОВ,**
**Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон**

Ассалому алайкум ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу!

Ба муносибати иди Қурбони Муборак ба Шумо, Аълоҳазрат, ҳамчунин халқи бародари ӯзбек аз номи халқи Сурия ва шахсан номи худ ирсол кардани муборакбодии самимона ва дархостҳои беҳтарин ба ман сурури калон мебахшад.

Аълоҳазрат, аз Оллоҳи таъоло мепурсам, ки ин иди муқаддасро сиҳҳат-саломат, бахтиёр, халқатон ва уммати ислом бошад, такрор ба такрор бо сулҳу осоиш ва фаровонӣ пешвоз гиранд.

**Башар Ал-АСАД,**
**Президенти Ҷумҳурияти Сурияи Араб.**

❋❋❋❋❋❋

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом КАРИМОВ,**
**Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон**

Ба муносибати иди Қурбон ба Шумо ирсол кардани муборакбодии самимона ва дархостҳои беҳтарин ба ман мамнуният мебахшад.

Амин ҳастам, ки иди муқаддас-Иди Қурбон якдилии уммати исломро боз ҳам мустаҳкам мекунад, ба равнақи дини ислом кӯмак мерасонад.

Ба Шумо, Аълоҳазрат, сиҳҳатии мустаҳкам, бахту саодат, ба халқи бародари Ҷумҳурияти Ӯзбекистон сулҳу осоиш, равнақ ва фарвонии доимиро таманно дорам.

**Бадруддоза ЧАУДХУРӢ**
**Президенти Ҷумҳурияти Мардумии Бангладеш.**

❋❋❋❋❋❋

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом КАРИМОВ,**
**Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон**

Ба муносибати иди Қурбони муборак ба Шумо сиҳҳатии мустаҳкам, ба халқи Ӯзбекистон тараққиёт ва фаровонии доимӣ талабида ирсол кардани муборакбодии самимона ва дархостҳои беҳтарин ба ман сурур мебахшад.

Аз Оллоҳи Қодир дар ин рӯзҳои муборак ба уммати мусалмон ато кардани сулҳу осоишро мепурсам.

Бо камоли эҳтиром,

**Қобус бин САИД,**
**Султони Уммон.**

❋❋❋❋❋❋

***Ҳамчунин ба унвони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба муносибати иди Қурбон аз номи Валиаҳд ва Нахуствазири Давлати Кувайт Саъд Ал-Абдуллоҳ Ас-Салим Ас-САБОҲ, раиси худмухтори Фаластин Ёсир АРАФОТ, Президенти Туркманистон Сапармурод НИЁЗОВ, Фармондеҳи Марказии Қувваҳои Мусаллаҳи ИМА генерал Томми ФРЕНКС хату барқияҳои муборакбодӣ расиданд.***

